Academic Research in Educational Sciences VOLUME 2 | ISSUE 12 | 2021
ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1472-1476

# ҚОРӢ РАҲМАТУЛЛОҲИ ВОЗЕҲ ВА АНЪАНАИ ТАЗКИРАНИГОРӢ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

**Парвизҷон Махамадзода Ахмадҷонов**
Муаллими Донишгоҳи давлатии Фарғона
parviz95axmadjonov@gmail.com

## АННОТАТСИЯ

Дар ин мақола, доир ба мавқеъ ва арзиши тазкираи “Тӯҳфат-ул-аҳбоб”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ маълумот дода шудааст, ки он яке аз сарчашмаҳои муҳими нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба ҳисоб меравад. Тазкиранигорони баъдина ба “Тӯҳфат-ул-аҳбоб” такя намуда, асарҳои худро таълиф кардаанд ва анъанаи тазкиранигориро идома додаанд. Инчунин дар мақола барои муайян кардани мавқеи “Тӯҳфат-ул-аҳбоб” дар нимаи дуюми асри XIX ва анъанаи тазкиранигорӣ дар ин аҳд баъзе фикру мулоҳизоти пажӯҳишгарони соҳаи адабиёт муқоисатан таҳлилу баррасӣ шудааст, ки ба манбаи дараҷаи аввал будани ин тазкира дар давраи мазкур далел шуда метавонанд.

## ABSTRACT

This article provides information on the position and value of Qori Rahmatullohi Vozeh's commentary on Tuhfat-ul-Ahbob, which is one of the most important sources of the second half of the 19th century and the beginning of the 20th century. Later commentators, relying on Tuhfat-ul-Ahbob, wrote their works and continued the tradition of tazkirani. The article also analyzes some of the views of literary scholars to determine the position of "Tuhfat-ul-Ahbob" in the second half of the XIX century and the tradition of narration in this period, which can be considered as the primary source of this commentary in this period.

**Вожаҳои калидӣ:** Тазкира, “Тӯҳфат-ул-аҳбоб”, Қорӣ Раҳматуллоҳ, Возеҳ, анъанаи тазкиранигорӣ, сарчашмаи мӯътамад, пайравӣ, назира.

## САРСУХАН

Дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX чанде тазкиранависон, аз ҷумла Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Мирсиддиқи Ҳашмат, Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Афзал - махдуми Пирмастӣ, Ҳоҷи Неъматуллоҳи

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1472-1476

Мӯҳтарам тазкираҳое офаридаанд, ки имрӯзҳо барои таҳқиқу донистани адабиёти давраи мазкур ва баррасии масоили мухталифи ҷараёни адабии давр хеле аҳамиятнок буда, тадқиқ намудани ин тазкираҳо тасаввуроти моро бобати вазъи адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мукаммалтар мекунад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессор Х.Асозода дар китоби "Адабиёти тоҷик дар садаи XX"- и худ навиштааст: "... чанд тан аз адибони адабиёти поёни қарни XIX ва ибтидои асри XX-умро мавриди баҳси иҷтимоӣ қарор медиҳем, ки аввалтар аз шахсияти Раҳматуллоҳи Возеҳ (1817-1894) ёдовар мешавем, ки ишон бо тазкираи арзишманди "Тӯҳфат-ул-аҳбоб" ва сафарномае дар боби Ҳиҷоз миёни адибон ва равшанфикрон маъруф мебошад" [4, с-14].

Аз адибони адабиёти поёни қарни XIX ва ибтидои асри XX аввалтар аз шахсияти Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ёдовар шудани профессор Х.Асозода бесабаб нест. Чунки аз охири чаҳоряки асри XIX сар карда ҳаёти адабӣ дар марказҳои мадании аморати Бухоро боз ба ҷунбиш омада буд. Шаҳри Бухоро дар муттаҳид намудани дастаи эҷодкорони ҳамммаслак ва сарварӣ намудани ин ҷунбиши адабӣ мавқеи муҳимме ишғол намуд.

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТҲО ВА МЕТОДОЛОГИЯ

Дар охири нимаи аввали асри XIX муҳити адабии Бухоро ба дараҷаи зиёде тавсиа меёбад. Ба воситаи Бухоро, ки ҳамчун маркази қувваҳои адабии ин кишвар шӯҳрат ва мақоми калоне пайдо кард, робитаи эҷодии намояндагони адабии гӯшаву канорҳои дурдасти аморат мустаҳкамтар гардид ва ин барои ташаккул ёфтани равия ва сабки ягонаи ин муҳити адабӣ шароити мувофикро ба вуҷуд овард. Ривоҷ ёфтани ҳаёти адабӣ бошад бисёр жанр ва анъанаҳои фаромӯшшудаи адабиёти классикиро, аз ҷумла анъанаи таълифи тазкираро аз нав зиндву эҳё кард ва аввалин шахсе, ки равияю анъанаи тазкиранависиро дар ин давра ҷони дигару таровати тоза бахшидааст, маҳз Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ — муаллифи тазкираи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб» мебошад. Тамоми муаллифоне, ки пас аз Возеҳ тазкира тартиб додаанд, пешқадамии ӯро эътироф намуда, асарҳои ҳамтипи худро асосан мутобиқи тамоюли тазкираофарии вай ва ба равияи махсуси ӯ ҳамчун давоми структуралии тазкираи ӯ навиштаанд. Ба фикри мо профессор Х.Асозода ҳамин ҷиҳатҳоро ба эътибор гирифта, дар миёни адибон ва равшанфикрони

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1472-1476

адабиёти поёни қарни XIX ва ибтидои асри XX Раҳматуллоҳи Возеҳро маъруф ҳисобида, аввалтар аз шахсияти ӯ маълумот додааст.

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ зодаи шаҳри Бухоро аст. Вай баъди таҳсили мактаб мутолиаро дар дабиристони қориён идома дода, бисёре аз илмҳои замонаашро аз устоди мадрасавиаш Домулло Ҳоҷибои Хӯҷандӣ омӯхтааст. Ӯ ба се забон: тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ шеър гуфтааст.Тазкираи ӯ "Тӯҳфату-л-аҳбоб фӣ тазкирати-л-асҳоб", ки дар соли 1871 навишта ба охир расонида шудааст, чи хеле ки дар боло гуфта шуд, барои тазкиранависони баъдина ҳамчун манбаи асосӣ хизмат кардааст. Яъне баъди таълиф шудани "Тӯҳфат-ул-аҳбоб..." чанде тазкиранависони баъдина, ки номи баъзеи онҳо дар боло зикр гардид, чун дар таърихи адабиётамон эҷодкорон ба мутафаккирони замони худ ё пеш аз худ пайравӣ мекарданд, ба Возеҳ ва "Тӯҳфат-ул-аҳбоб..."- и ӯ низ пайравӣ карда тазкираҳои худро таълиф намудаанд ва анъанаи тазкиранигориро ривоҷ додаанд. Бо вуҷуди ахбори як ё ду тазкира баъзан такрор, гоҳо якранг бошанд ҳам, ба фикри ман агар тазкиранигорон зиёд шаванд, тазкираҳо низ бештар бошанд, арзиши илмӣ-адабии онҳо афзуда, маълумотҳои онҳо қобили муқоиса мегарданд.

Адабиётшунос И.Эшонқулов тазкираҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат ва Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳро муқоиса намуда менависад, ки "...дар қисми аввали "Тазкират-уш-шуаро"-и Мирсиддиқхони Ҳашмат рӯзгор ва осори 92 нафар шоирони форсизабон зикр шуда, аз онҳо 57 нафар дар такя ва истифодаи "Тӯҳфат-ул-аҳбоб"-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ нигошта шудаанд. Ин нукта маънии онро надорад, ки ин ду тазкира айни ҳамдигар ҳастанд ва ё Мирсиддиқхони Ҳашмат тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳро комилан рӯбардор карда бошад. Навоварие, ки Мирсиддиқхони Ҳашмат ҳини таълифи тазкира ба анҷом расонидааст, пеш аз ҳама, дар қисмати зикри шоирон ба иттилои Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ илова кардани номи осори нави муаллифон, зикри асолати қавмияю нажодии эшон, сабаби тасмияи тахаллус, нишон додани макони зист ва таърихи саҳеҳи валодату фавти адибон ва дигар ҷузъиёти муҳим ва нуктаҳои ҷолиб мебошанд " [1, с-97].

## НАТИҶАҲО

Агарчанде муҳаққиқ истиқлолияту имтиёзҳои услубӣ ва структуравии тазкираи Мирсиддиқи Ҳашматро эътироф карданӣ мешавад ва дар асоси фикри болоӣ Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ, ки бо "Тазкират-уш-шуаро"-и худ

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1472-1476

дар қатори тазкиранигорони маъруфи адабиёти тоҷик шинохта шудааст, ба эътибори истиноди комили шарҳу ҳоли 57 нафар шуаро (ин рақамҳо кам нестанд. А.П.) яке аз пайравони Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва идомадиҳандаи анъанаи тазкиранигорӣ гӯем хато намекунем.

Тазкиранигори дигари ин давра, ки бо таълифи “Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-уш-шуаро ва-л-ашъор”- и Афзалмахдуми Пирмастӣ рушд мегирад, ба инкишофи илми адабиётшиносӣ саҳми сазовори худро гузоштааст, Афзал-махдуми Пирмастӣ мебошад. Ӯ низ ба тазкираи “Тӯҳфат-ул-аҳбоб...”- и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ такя намуда, “Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-уш-шуаро ва-л-ашъор”- и худро ба анҷом расонидааст. “Тазкираи Афзал-махдуми Пирмастӣ, – мегӯяд, И.Эшонқулов, – пас аз тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дуввумин тазкирае аст, ки баъди чандин соли сукути тазкиранависӣ дар Мовароуннаҳр рӯи кор омадааст. Аз ин лиҳоз, ба сифати сарчашмаи дасти аввал барои тазкираҳои Афзал-махдуми Пирмастӣ ва Мирсиддиқхони Ҳашмат “Тӯҳфат-ул-аҳбоб...”- и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ хидмат кардааст ” [1, с-114].

Инчунин И.Эшонқулов дар “Афзал-махдуми Пирмастӣ ва тазкираи ӯ” ном мақолаи хеш нисбат ба “Тӯҳфат-ул-аҳбоб...”- и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва “Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-уш-шуаро ва-л-ашъор”- и Афзал-махдуми Пирмастӣ бештар таваҷҷӯҳ намуда, чунин қайд мекунад: “Чи хеле ки аз сайри таҳаввули тазкиранависӣ дар Мовароуннаҳр (бахусус, асрҳои XIX-XX) маълум аст, “Тӯҳфат-ул-аҳбоб...”- и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ба сифати манбаи дасти аввал дар таълифи тазкираҳои баъдӣ хизмат кардааст. Афзал-махдуми Пирмастӣ низ баъзе аснод ва мадорики тазкираашро аз китоби Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ гирифта, ҷо-ҷо идомаи суханро ба тазкираи мавсуф вогузоштааст. Ин ҳолатро метавон аз муаррифии адибоне чун Сарир, Зарир, Анбар, Маҷнун ва ғ. ба мушоҳида гирифт” [2, с-93].

## МУҲОКИМА

Муҳаққиқи ҳамин давраи таърихи адабиёт С.Хӯҷақулов аҳамияти ба худ хоси илмӣ-адабӣ ва аз ҷиҳати характери худ дар байни тазкираҳои охири асри XIX мавқеи муайян доштани “Тӯҳфат-ул-аҳбоб...”- и Возеҳро эътироф намуда чунин таъкид менамояд: “Ин тазкираро аз ҷиҳати дастовардҳову маълумотҳо баъд аз тазкираи Малеҳои Самарқандӣ – “Музаккир-ул-асҳоб” дар ҷои дуюм гузоштан мумкин аст” [3, с-106]. Ба хубӣ медонем, ки “Музаккир-ул-асҳоб”- и Малеҳои Самарқандӣ дар поёни қарни XVII таълиф шудааст. Пас аз ин

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1472-1476

бармеояд, ки тазкираи “Тӯҳфат-ул-аҳбоб...”- и Возеҳ на танҳо дар замони таълифи худ яъне асри XIX тазкираи боэътимодтарин ба ҳисоб меравад, балки дар байни тазкираҳои қарни XVIII таълифшуда низ мавқеи намоён дорад. Инчунин тазкираи аввалтарин ва мукаммалтарини нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба шумор меравад.

## ХУЛОСА

Аз ин рӯ метавон чунин хулоса кард:

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX маъруфтарин ва пешқадамтарини тазкиранигорон аст.

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ бо таълиф кардани “Тӯҳфат-ул-аҳбоб” анъанаи тазкиранигориро, ки яке аз анъанаҳои фаромӯшшуда ба ҳисоб мерафт, аз нав зинда кард.

Дар “Тӯҳфат-ул-аҳбоб”-и Возеҳ маълумотҳо муфассал оварда шудааст. Агар чунин намебуд дигарон тазкираҳои худро ҳамчун давоми тазкираи ӯ наменавиштанд.

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ бо вуҷуди шоир ва нависанда буданаш бештар ҳамчун тазкиранигор машҳуртар аст.

Тазкираҳои баъди “Тӯҳфат-ул-аҳбоб” таълифшуда ҳам ҳамчун давоми тазкираи мазкур навишта шуда бошанд ҳам, маълумотҳои онҳо имрӯзҳо аз ҷониби пажӯҳишгарон муқоиса гардида, муҳити адабии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-ро боз равшантар мегардонанд.

Дар умум гуфтан ҷоиз аст, ки ривоҷ ёфтани анъанаи тазкиранигорӣ дар адабиёти мо хеле зарур аст. Зеро, бештари маълумотҳои муҳими маънавӣ, маданӣ, сиёсии давраҳои гузашта тавассути тазкираҳо то замони мо омада мерасанд.

## REFERENCES

1. Илҳом Эшонқулов. Ҳашмати бухоройӣ ва тазкираҳои ӯ. – Тошканд: “TURON IQBOL”, 2019.
2. Номаи донишгоҳ №2 (43). – Хуҷанд: 2015.
3. Сироҷиддин Хӯҷақулов. Адабиёти давраи бедории миллӣ. – Тошканд: Нашриёти илмии давлатӣ “Ӯзбекистон миллий энциклопедияси”, 2014.
4. Х. Асозода. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. – Душанбе: “Маориф”, 1999.